“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиноси, профессор, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
_____ Насриддинзода Э.С.
“___” _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба кори диссертатсионии Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ))

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» ба самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/4 тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд.

Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои назария ва методикаи информатикунонии раванди таълим, таҳияи системаҳои методии муосири таълими информатика, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар идора ва арзёбии натиҷаҳои таълим, инчунин омодасозии касбии омӯзгорон дар шароити рақамикунонии соҳаи маориф алоқаманд мебошанд.

Аз ҷумла, муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат менамояд:

Банди 13. Назария, методика ва амалияи информатикунонии таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва олии касбӣ;

Банди 20. Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз информатика мутобиқ ба самтҳои муосири информатикунонӣ ва навгониҳои таълими ватанӣ;

Банди 21. Назария ва методикаи истифодаи аёнияти техникии таълим дар соҳаҳои гуногуни дониш ва дар зинаҳои мухталифи таълим;

Банди 27. Назария ва амалияи коркарди муҳити иттилоотӣ дар идоракунии раванди таълим дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

Банди 28. Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои иттилоотию коммуникатсиониро амалӣ менамоянд;

Банди 30. Таҳлили оқибатҳои мусбат ва манфии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими фанҳо дар зинаҳои гуногуни таҳсил;

Банди 37. Омодасозии кадрҳои педагогӣ дар соҳаи информатикунонии таълим.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти анҷомдодаи Изатуллозода З.Р. ба доираи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ихтисоси мазкур ворид шуда, ба яке аз самтҳои муҳими методикаи таълими информатика – истифодаи самараноки ТИК дар омодасозии касбии омӯзгорони оянда дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мубрамии мавзуи диссертатсия аз зарурати мутобиқ намудани низоми омодагии касбии омӯзгорони оянда ба талаботи тағйирёбандаи муҳити рақамии таълим ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бармеояд.

Дар шароити муосир ТИК на танҳо ҳамчун воситаи техникии дастгирии раванди таълим, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми муҳити таълимӣ, воситаи ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, идоракунии раванди таълим ва арзёбии натиҷаҳои таълим баромад мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули омодагии назариявию методии омӯзгорони оянда барои истифодаи мақсаднок ва педагогии ТИК аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Мубрамияти таҳқиқот ҳамчунин ба он вобаста аст, ки татбиқи низоми таҳсилоти кредитӣ аз омӯзгор на танҳо дониши соҳавӣ, балки салоҳиятҳои рақамӣ, иттилоотӣ, методӣ ва қобилияти истифодаи воситаҳои муосири арзёбии донишро талаб менамояд. Дар чунин шароит омӯзгор бояд шаклу усулҳои анъанавии таълим ва назоратро бо имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ҳамоҳанг сохта тавонад.

Муаллифи диссертатсия ба масъалаи истифодаи ТИК дар таҳсилоти кредитӣ, аз ҷумла ба имкониятҳои таҳияи тестҳои компютерӣ, ташкили

назорати автоматикунонидашудаи дониш ва истифодаи барномаҳои компютерӣ барои арзёбии натиҷаҳои таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ин самти таҳқиқот аз ҷиҳати методӣ муҳим мебошад, зеро низоми таҳсилоти кредитӣ баланд бардоштани мустақилияти донишҷӯ, шаффофияти арзёбӣ ва гуногунрангии шаклҳои назорати донишро тақозо менамояд.

Дар диссертатсия инчунин масъалаи омодагии омӯзгорони информатика барои мусоидат ба рушди салоҳиятҳои рақамии омӯзгорони фанҳои дигар матраҳ гардидааст. Ин масъала дар шароити рақамикунонии таҳсилот аҳамияти махсус дошта, метавонад барои рушди муҳити ягонаи иттилоотию таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, мубрамии мавзуи таҳқиқот бо талаботи рушди муосири низоми маориф, густариши технологияҳои рақамӣ, ҷорӣ гардидани шаклҳои нави таълим ва зарурати такмили омодагии касбии омӯзгорон дар шароити таҳсилоти кредитӣ асоснок карда шудааст.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дар асоси омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ, педагогӣ ва методӣ, таҳқиқоти назариявӣ, натиҷаҳои ташхиси педагогӣ ва таҷрибаи озмоишӣ ташаккул ёфтаанд.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки робитаи байни имкониятҳои ТИК, талаботи низоми таҳсилоти кредитӣ ва омодагии касбии омӯзгорони ояндаро муайян намуда, асосҳои назариявӣ ва методии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар раванди омодасозии мутахассисони педагогӣ пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот барои такмили мазмун, шакл, метод ва воситаҳои таълими информатика ва истифодаи имкониятҳои ТИК дар ташкили фаъолияти таълимӣ заминаи муайяни илмӣ-методӣ фароҳам меоранд.

Пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, метавонанд дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда, такмили мазмуни фанни информатика (технологияи информатсионӣ), ташкили корҳои мустақилона ва арзёбии натиҷаҳои таълим истифода шаванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар асоснок намудани зарурати истифодаи бонизом ва мақсадноки ТИК дар раванди омодагии касбии омӯзгорони ояндаи низоми таҳсилоти кредитӣ ифода меёбад.

Муаллиф ТИК-ро на танҳо ҳамчун воситаи техникии таълим, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми муҳити иттилоотию таълимӣ ва воситаи ташкили

фаъолияти мустақилона, ҳамкорӣ, назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълим баррасӣ намудааст.

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳлили таҷрибаи педагогӣ, пурсиши омӯзгорон ва донишҷӯён ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ нишон дода мешавад, ки истифодаи захираҳои рақамӣ ва барномаҳои таълимӣ метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва иттилоотии омӯзгорони оянда мусоидат намоянд.

Яке аз ҷанбаҳои қобили таваҷҷуҳи таҳқиқот пешниҳоди методикаи таҳияи тестҳои компютерӣ бо истифода аз барномаҳои Айрен, MS Excel ва забони барномасозии Python мебошад. Ин натиҷаҳо имконият медиҳанд, ки донишҷӯён на танҳо истифодабарандаи технологияҳои рақамӣ, балки то андозае таҳиягар ва татбиққунандаи воситаҳои рақамии арзёбии дониш низ бошанд.

Аҳаммияти дигари таҳқиқот дар пешниҳоди методи ҳамкорӣ ҳангоми таҳия ва истифодаи тестҳои компютерӣ ифода меёбад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки истифодаи ТИК-ро бо усулҳои фаъоли таълим пайваст намуда, имконияти ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯёнро нишон диҳад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот алоқаманд буда, барои тасдиқи саҳеҳии онҳо натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ низ истифода шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсияи Изатуллозода З.Р. аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ барои рушди методикаи таълими информатика ва такмили омодагии касбии омӯзгорон аҳаммияти муайян дорад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар рушди заминаҳои назариявию методии истифодаи ТИК дар омодасозии омӯзгорони ояндаи низоми таҳсилоти кредитӣ, инчунин дар муайян намудани муносибатҳои методӣ ба ташкили назорат ва арзёбии натиҷаҳои таълим зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалӣ дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, маводди таълимию методӣ, ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён, таҳияи тестҳои компютерӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим ифода меёбад.

Аҳаммияти иқтисодӣ бо имконияти истифодаи васеи воситаҳои электронӣ, барномаҳои дастрас ва захираҳои рақамӣ, кам намудани хароҷоти маводди чопӣ ва сарфаи вақт ҳангоми таҳия ва санҷиши супоришҳои таълимӣ алоқаманд мебошад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ дар мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ, рушди фарҳанги иттилоотии омӯзгорон ва донишҷӯён, баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисони педагогӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи муҳити рақамии муосири таҳсилот ифода меёбад.

Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо такя ба заминаи методологии таҳқиқот, истифодаи маҷмуи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, таҳлили адабиёти илмӣ ва таълимию методӣ, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ, гузаронидани корҳои ташхисӣ ва таҷрибавию озмоишӣ таъмин карда шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада бо мавқеъҳои назариявии олимони соҳаи педагогика, информатика ва методикаи таълими информатика муқоиса гардида, тавассути натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ва таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо санҷида шудаанд.

Дар маҷмуъ, усулҳои интихобшудаи таҳқиқот ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқат дошта, барои ба даст овардани натиҷаҳои нисбатан саҳеҳ замина фароҳам овардаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии Изатуллозода З.Р. дар таҳияи мустақилонаи диссертатсия, муайян намудани масъалаи таҳқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти адабиёти илмӣ, муайян намудани заминаҳои назариявӣ ва методии истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти кредитӣ, таҳияи методикаҳои таълимӣ ва воситаҳои компютерии назорати дониш ифода меёбад.

Муаллиф дар ташкили корҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва методӣ, сохтани намунаҳои тестҳои компютерӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада, коркарди хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ иштироки бевосита намудааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 17 интишорот инъикос ёфтаанд. Аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 маводди методӣ ва 10 маводди конференсияҳои илмӣ мебошанд. Аз ҷумла, 2 мавод дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ, ки берун аз ҷумҳурӣ баргузор гардидаанд, ба нашр расидаанд.

Шумора ва хусусияти интишороти муаллиф нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар муҳити илмӣ-методӣ муаррифӣ гардида, барои баррасии минбаъдаи мутахассисон пешниҳод шудаанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълими информатика – омодасозии омӯзгорони оянда ба истифодаи самараноки ТИК дар шароити таҳсилоти кредитӣ бахшида шудааст.

Диссертатсия аз қисмҳои асосии барои чунин таҳқиқот зарур иборат буда, дар он масъалаҳои мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, фарзия, методология ва методҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва дигар ҷанбаҳои зарурӣ инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 181 номгӯйро дар бар гирифта, ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Дар диссертатсия 60 расм ва 23 ҷадвал истифода гардидааст.

Сохтори кор ба мантиқи ҳалли масъалаи таҳқиқот мувофиқат намуда, гузариш аз таҳлили масъалаҳои назариявӣ ба таҳияи ҷанбаҳои методӣ ва сипас ба санҷиши таҷрибавии самаранокии онҳо ба назар мерасад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, фарзияи илмӣ, асосҳои методологӣ, методҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва дигар ҷанбаҳои зарурӣ муайян карда шудаанд.

Боби якум – «Аҳаммияти ҷаҳонии таълими кредитӣ, мақсад ва роҳҳои татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – ба таҳлили ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти кредитӣ ва аҳаммияти он дар шароити муосир бахшида шудааст.

Дар фасли аввали боби аввал масъалаҳои таърих ва рушди таҳсилоти кредитӣ, хусусиятҳои татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе мушкилоти мавҷуда таҳлил мегарданд.

Фасли дуюм ба масъалаи аҳаммияти методҳои таълими кредитӣ дар рушди мустақилият ва қобилияти эҷодии донишҷӯён дар робита бо истифодаи ТИК бахшида шуда, имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар дастгирии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюм – «Асосҳои илмӣ-назариявии нақши ТИК дар таълим ва методҳои сохтани барномаҳои назорати дониш дар шароити таълими

кредитӣ» – ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва таҳияи воситаҳои амалии истифодаи ТИК дар назорат ва арзёбии дониш бахшида шудааст.

Дар фасли якуми боби дуюм заминаҳои илмӣ-назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълим ва махсусан, дар таълими информатика баррасӣ мешаванд.

Фасли дуюми боби дуюм ба таҳлили нақш ва имкониятҳои ТИК дар низоми таҳсилоти кредитӣ бахшида шуда, вазифаҳои асосии технологияҳои рақамӣ дар ташкили раванди таълим муайян карда мешаванд.

Дар фасли сеюм методикаи таҳияи саволномаҳои тестӣ бо истифода аз барномаи компютерии Айрен пешниҳод гардидааст. Муаллиф имконияти истифодаи тестҳои компютериро ҳамчун воситаи назорати дониш ва ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён нишон медиҳад.

Фасли чорум ба таҳияи тестҳои санҷиши дониш бо истифода аз забони барномасозии Python бахшида шудааст. Истифодаи чунин воситаҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вобаста ба мақсад ва муҳтавои дарс шаклҳои гуногуни санҷиш ва арзёбии донишро таҳия намояд.

Боби сеюм – «Санҷиши самаранокӣ оид ба нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими кредитӣ» ба масъалаҳои таҷрибавӣ ва арзёбии самаранокии методикаҳои пешниҳодшуда бахшида шудааст.

Дар фасли якуми ин боб масъалаҳои татбиқи назорати компютерии натиҷаҳои таълим дар низоми таҳсилоти кредитӣ баррасӣ шуда, баъзе мушкилоти таҳияи тестҳо ва арзёбии натиҷаҳои дониш таҳлил мегарданд.

Фасли дуюм ба истифодаи методи ҳамкорӣ ҳангоми таҳия ва истифодаи тестҳои компютерӣ бахшида шуда, намунаҳои татбиқи он дар таълими технологияи информатсионӣ пешниҳод шудаанд.

Фаслҳои сеюм ва чорум натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ ва мукоисаи нишондиҳандаҳои бадастомадаро фаро мегиранд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда барои муайян намудани самаранокии методикаҳои таҳияшуда аҳамияти муайян доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи мақсадноки воситаҳои ТИК метавонад ба такмили фаъолияти таълимӣ, рушди малакаҳои иттилоотӣ ва рақамии донишҷӯён, баланд бардоштани гуногунрангии шаклҳои назорат ва ташаккули малакаҳои таҳияи воситаҳои рақамии арзёбии дониш мусоидат намояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби таҳия ва барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» (Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) мутобиқ мебошад.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он мақсад, вазифаҳо, натиҷаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои таҳқиқот ба таври нисбатан мухтасар пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Изатуллозода Зебонисо Рустам ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) мувофиқат менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди аҳамияти назариявӣ, методӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо, ҳангоми такмили минбаъдаи таҳқиқот ба эътибор гирифтани онҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1. Истифодаи нодурусти шакли калимаи «мавзуъ». Дар матн шаклҳои гуногуни ин калима истифода шудаанд: «мавзуи», «мавзуъи», «мавзуъҳои». Масалан, дар муқаддима ибораи «мавзуъи диссертатсионӣ» омадааст. Бояд шакли ягонаи адабии «мавзуи диссертатсионӣ», «мавзуи таҳқиқот», «мавзуъҳо» истифода шавад.

2. Хатои имлоӣ дар номи кишвар. Дар матн шакли «Федератсияи Руссия» истифода шудааст. Шакли дуруст: «Федератсияи Россия» ё вобаста ба услуби қабулшуда «Федератсияи Русия». Дар тамоми диссертатсия бояд як шакл пайваста истифода шавад.

3. Ҷанбаҳои мушкилот ва маҳдудиятҳои истифодаи ТИК – аз ҷумла омодагии техникӣ, дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ ва сатҳи саводнокии рақамии омӯзгорону донишҷӯён – метавонанд васеътар баррасӣ шаванд.

4. Баъзе ҷадвалҳо ва расмҳои кори илмӣ бо шарҳи муфассалтар ва таҳлили натиҷаҳои дар онҳо овардашуда метавонанд возеҳтар гарданд.

5. Робитаи истифодаи ТИК бо хусусиятҳои низоми таҳсилоти кредитӣ, махсусан бо фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, низоми баҳодиҳӣ ва ташкили корҳои мустақилона, метавонад муфассалтар асоснок карда шавад.

6. Дар қисмати методии таҳқиқот овардани мисолҳои мушаххаси машғулиятҳои таълимӣ, супоришҳои мустақилона ва технологияҳои истифодашаванда метавонист арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад.

7. Натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ метавонанд бо истифода аз таҳлили омории муқоисавӣ муфассалтар шарҳ дода шаванд, то дараҷаи самаранокии методикаи пешниҳодшуда боз ҳам возеҳтар нишон дода шавад.

Дар маҷмӯъ, ин камбудиҳо хусусияти ислоҳшаванда дошта, ба арзиши умумии натиҷаҳои илмии диссертатсия таъсири ҳалкунанда намерасонанд. Аммо ислоҳи онҳо барои баланд бардоштани саҳеҳии забонӣ, услуби илмӣ ва сатҳи таҳририи диссертатсия зарур мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, масъалаи барои илми педагогӣ ва методикаи таълими информатика муҳимро фаро мегирад.

Муаллиф дар таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии истифодаи ТИК-ро дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ мавриди омӯзиш қарор дода, як қатор роҳу воситаҳои методии истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла таҳия ва истифодаи тестҳои компютерӣ, ташкили фаъолияти мустақилона ва назорати натиҷаҳои таълимро пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои такмили раванди омодагии касбии омӯзгорон ва рушди салоҳиятҳои иттилоотию рақамии онҳо истифода шуда метавонанд.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, натиҷаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои муаллифро ба таври зарурӣ инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯи интишороти илмии муаллиф низ инъикос ёфтаанд.

Бо дарназардошти аҳамияти мавзуъ, навгонии натиҷаҳои бадастомада, асоснокии мавқеъҳои назариявӣ, арзиши амалии пешниҳодҳои методӣ ва дараҷаи анҷомёфта будани таҳқиқот, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам ба талаботи муқаррарагардида нисбат ба корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда сазовор мебошад.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 -79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи усули таълими математика ва геометрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонзода Сулаймон Раҷабек омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи усули таълими математика ва геометрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (қарори №2 аз 1-уми октябри соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Сана:05.10.2026

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои физикаю математика, дотсент,
декани факултети механикаю математикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон И.М. Саидзода

Ташхисгар аз муассисаи пешбар:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири
кафедраи усули таълими математика
ва геометрияи факултети механикаю
математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон С.Р. Қурбонзода

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсенти кафедраи усули таълими математика
ва геометрияи факултети механикаю
математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон С.Н. Неъматзода

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э.Ш. Шодихонзода

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17; Тел: (+992) (837) 221-30-13; E-mail: ilm-dmt@mail.ru, сомонаи муассиса: www.tnu.tj